ТДУ 339.138

# НАҚШИ АГРОБИЗНЕС ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚВОРИИ КИШВАР

**Ғуломов Х.Ҳ.** – н. и. и., дотсенти ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои асосӣ:*** *миқдор ва сифати маҳсулот, меъёрҳои ратсионалии истеъмол, меъёрҳои истеъмолии пешниҳодшаванда, меъёрҳои ҳақиқии истеъмол, норасоии озуқаворӣ, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза.*

Тавре маълум аст, ба омилҳои муҳими муайянкунандаи мавқеи кишоварзӣ дар иқтисодиёти ҳамаи давлатҳо миқдор ва сифати маҳсулоти озуқаворӣи аз ҷониби аҳолӣ истеъмолшаванда ба шумор меравад. Дар ҷаҳони имрӯза зиёда аз 2/3 меҳнати муштарак барои истеҳсоли маҳсулоти озуқа равона гардидааст. Ба ин нигоҳ накарда, то имрӯз масъалаи таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ҳалли худро наёфтааст. Аз гуфтаи Комиссияи СММ оид ба хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ, айни замон на камтар аз 1/4 ҳиссаи аҳолии Замин бо ғизои солим таъмин нест, шумораи гуруснагон бошад зиёда аз 1 млрд. нафарро ташкил медиҳад.

Тибқи гузориши Иттиҳоди Аврупо, ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО) ва Ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣи СММ дар соли 2018 қариб 113 миллинон нафар аз 53 кишвари ҷаҳон норасоии шадиди озуқавориро эҳсос намудаанд. Дар гузориш қайд гардидааст, ки қариб аз се ду ҳиссаи ин одамон дар ҳашт давлат: Афоғонистон, Ҷумҳурии демократии Конго, Эфиопия, Нигерия, Судани Ҷанубӣ, Судан, Сурия ва Яман зиндагӣ мекунанд.

Ҳамзамон, қобили зикр аст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2017 -124 миллион нафарро ташкил медод. Вазъи кунунӣ нишон медиҳад, ки шумораи аҳолии ба норасоии шадиди озуқаворӣ рӯбарӯ шуда дар соли 2018 ба миқдори 11 миллион нафар ё ба андозаи 8,8%  коҳиш ёфтааст.

Аз рӯйи дараҷаи таъминнокии озуқаворӣ ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: таъминнокиашон баланд; таъминнокиашон миёна; таъминнокиашон паст. Ба гурӯҳи якум ИМА, Канада, Япония, Австралия, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ дохил мешаванд, ки миқдори кифояи ҳамаи намудҳои асосии озуқаро доранд. Ба гурӯҳи дуюм Ҳиндустон, Хитой, давлатҳои Аврупои Шарқӣ, баъзе давлатҳои Африқо ва Америкои Ҷанубӣ дохил мешаванд, ки қисми зиёди аҳолиашон меъёри муътадили вояи (ратсион) хӯрокаро доранд. Гурӯҳи сеюм, ки ба онҳо асосан давлатҳои Африқо ва Осиё дохил мешаванд норасоии доимии озуқаро эҳсос мекунанд, қисми зиёди аҳолӣ бошад ғизои дуруст надоранд ва гуруснагӣ мекашанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии воқеӣ ва иқтисодии маводи озуқа барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ якхела нест, бахусус барои аҳолии деҳотнишин. Новобаста аз ҳамасола зиёд шудани ҳаҷми воридот, аз тарафи аҳолӣ истеъмоли намудҳои асосии хӯрока нисбат ба меъёрҳои пешниҳодшаванда хеле кам аст. Айни замон ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ барои маҳсулоти хӯрока дар сохтори хароҷоти умумӣ боло рафта, лекин сатҳи истеъмоли хӯрока ба ҳар сари аҳолӣ паст шуда истодааст. Чунин ҳолат дар натиҷаи паст будани қобилияти харидории қисми зиёди аҳолӣ, инчунин сатҳи баланди нархҳо ба маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ ба миён омадааст.

Таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳадафи сеюми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта баҳри амалисозии он тадбирҳои муассир андешида мешаванд. Вобаста ба рушди соҳаи таъминкунандаи маводи ниёзи аввал аз ҷониби Президенти мамлакат барномаҳои гуногуни давлатӣ қабул гардиданд. Тавассути татбиқи барномаву стратегияҳои давлатӣ ба рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳидорӣ, занбуриасалпарварӣ, тухмипарварӣ, бунёди боғҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои кишт, обёрии заминҳо, содироти меваю сабзавот, хушкмеваҳо ва таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудааст(ҷадв.1).

**Ҷадвали 1.-Ҳаҷми содирот ва воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон** *(ҳазор тонна)*

| | содирот | | с. 2018 ба ҳисоби % нисбат ба с. 2017 | воридот | | с. 2018 ба ҳисоби % нисбат ба с. 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | | 2017 | 2018 | |
| Молҳои озуқаворӣ | 127,5 | 145,2 | 113,9 | 1585,9 | 1623,7 | 102,4 |
| *аз онҳо:* | | | | | | |
| Гандум | - | - | - | 1014,5 | 1018,9 | 100,4 |
| Орд | - | - | - | 54,6 | 47,2 | 86,4 |
| қанду шакар ва маснуоти қаннодӣ | 0,34 | 0,07 | 20,6 | 125,0 | 129,75 | 103,8 |
| макарон ва маҳ-сулоти макаронӣ | 0,2 | 0,16 | 80,0 | 14,3 | 13,37 | 93,5 |
| равғани растанӣ | 0,09 | 0,11 | 122,2 | 97,1 | 81,4 | 83,8 |
| шир ва маҳсулоти ширӣ | 0,02 | 0,0 | - | 8,6 | 8,2 | 95,3 |
| тухм, дона | 0,06 | - | - | 10,8 | 1,9 | 17,6 |
| Чой | 0,02 | - | - | 4,8 | 5,1 | 106,2 |
| Картошка | 0,7 | 0,2 | 28,6 | 17,2 | 32,2 | 187,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сабзавот | 55,2 | 83,9 | 152,0 | 5,1 | 1,2 | 23,5 |
| мевაҷот ва бех-меваҳо | 30,2 | 29,25 | 96,9 | 19,2 | 28,29 | 147,3 |
| Шарбатҳо | 0,18 | 0,07 | 38,9 | 1,3 | 1,4 | 107,7 |

Бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлат дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ се баробар зиёд гардид, яъне аз 7,4 миллиард сомонии соли 2000 ба 21,3 миллиард сомонӣ дар соли 2018 расонида шуда, содироти маҳсулоти соҳа мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тайи солҳои охир чӣ ба таври умумӣ ва чӣ ба сари ҳар як нафар аҳолӣ ба таври назаррас зиёд шуда истодааст( ҷадвалҳои 2,3,4).

**Ҷадвали 2.- Майдони кишт ва истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ**

| **Нишондаҳандаҳо** | **Солҳо** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
| **Ҳамагӣ, майдони кишт, ҳаз.га** | 830,6 | 837,3 | 837,2 | 826,7 |
| аз он ҷумла: Ғалладонагиҳо | 422,9 | 423,5 | 411,6 | 375,0 |
| Картошка | 39,8 | 41,6 | 40,6 | 49,6 |
| Сабзавот | 55,4 | 58,2 | 59,7 | 68,3 |
| Полезиҳо | 21,4 | 20,0 | 20,3 | 19,9 |
| Боғҳои мевадиҳанда | 140,3 | 145,3 | 150,3 | 158,9 |
| Токзорҳо | 38,7 | 37,1 | 37,8 | 38,1 |
| **Ҷамъоварии зироатҳо, ҳаз.тонна** | | | | |
| Зироати ғалладона баъди коркард | 1365,3 | 1412,5 | 1424,5 | 1295,6 |
| Картошка | 887,4 | 898,1 | 782,9 | 964,6 |
| Сабзавот | 1667,8 | 1748,3 | 1859,1 | 2119,3 |
| Полезиҳо | 529,4 | 594,2 | 631,4 | 641,7 |
| Мевагиҳо | 299,2 | 364,1 | 405,0 | 447,7 |
| Ангур | 203,8 | 214,7 | 228,3 | 241,8 |

**Ҷадвали 3.- Саршумори чорво ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ**

| **Нишондаҳандаҳо** | **Солҳо** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
| **Саршумори чорво, ҳаз.сар:** | | | | |
| ЧКШ ҳамагӣ | 2209,2 | 2278,1 | 2317,3 | 2327,5 |
| аз ҷумла модагов | 1131,9 | 1168,5 | 1195,5 | 1207,1 |
| Гусфанд | 3364,2 | 3490,0 | 3635,7 | 3666,7 |
| Буз | 1915,1 | 1966,2 | 1945,7 | 1953,5 |
| Асп | 78,3 | 79,7 | 80,4 | 80,8 |
| Парранда | 5143,0 | 5051,5 | 5217,0 | 6636,5 |
| **Истеҳсоли маҳсулот, ҳаз.тонна** | | | | |
| Гушт | 108,8 | 116,7 | 124,4 | 261,9 |
| Шир | 888,9 | 918,0 | 950,0 | 983,0 |
| тухм, млн.дона | 225,7 | 173,6 | 151,3 | 450,3 |

**Ҷадвали 4.- Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як нафар аҳолӣ, кг**

| Нишондаҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Ғалла | 164,8 | 166,1 | 163,8 | 143,5 |
| Картошка | 105,0 | 103,9 | 88,6 | 106,9 |
| Сабзавот | 197,2 | 202,2 | 210,4 | 234,8 |
| Полезиҳо | 70,1 | 68,7 | 71,4 | 71,1 |
| Мевагиҳо | 35,4 | 42,1 | 45,8 | 49,6 |
| Ангур | 24,1 | 24,8 | 25,8 | 26,7 |
| Гушт | 13,2 | 27,0 | 28,2 | 29,0 |
| Шир | 105,2 | 106,2 | 107,5 | 108,9 |

Таъминнокӣ бо намудҳои асосии маҳсулоти озуқа нисбат ба меъёрҳои аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод ва тасдиқшудаи истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2018 чунин арзёбӣ мегардад: гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ – 32,4%, шир ва маҳсулоти ширӣ- 58,3%, тухм – 46,7%, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ – 78,0%, сабзавот ва полезиҳо – 83,1% ва мевагиҳо – 32,9%. Истеъмоли маҳсулоти нонӣ, картошка ва равған ба меъёрҳои номбурда мувофиқат мекунанд.

Қобили зикр аст, ки меъёрҳои мазкур аз меъёрҳои муайяннамудаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустии СММ ба куллӣ фарқ карда, аз рӯйи баъзеи маҳсулотҳои асосӣ то 50% камтарро ташкил медиҳанд.

Тибқи таърифоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тарозу (баланси) озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар тарозу (баланси) озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. Мавҷудияти умумии физикии маҳсулот маҷмӯи захираи он дар оғози давра, истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зикршуда дар ҳамон давра мебошад. Истеъмоли умумӣ аз истеъмоли озуқа+хӯроки чорво+тухмӣ-талафот-содирот ва захираи охири давра иборат мебошад. Ба ҳар кадом давра мавҷудият ва истеъмоли ҳар кадом мол бояд мувофиқат кунад.

Сатҳи истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна тибқи тадқиқоти буҷети хонаводаҳо дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 5.- Истеъмоли маҳсулоти хурокворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, (*кг дар як моҳ*)**

| | **с. 2017** | **с. 2018** |
|---|---|---|
| маҳсулоти ғалладона (ба ҳисоби орд) | 13,45 | 13,78 |
| Картошка | 3,54 | 3,86 |
| сабзавоту полезӣ | 7,41 | 7,37 |
| меваҷоту буттамева | 2,77 | 3,22 |
| қанду шакар ва маснуоти қаннодӣ | 1,33 | 1,11 |
| гушт ва маҳсулоти гуштӣ | 1,17 | 1,18 |
| шир ва маҳсулоти ширӣ | 4,84 | 5,0 |
| тухм, дона | 6 | 7 |
| равғани растанӣ | 1,52 | 1,38 |
| моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ | 0,04 | 0,05 |

Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли худӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам кофӣ нест. Масалан, истеҳсоли ғалладонагиҳо дар соли 2018 - 1295,6 ҳазор тоннаро ташкил додааст, ҳаҷми истеъмол бошад аз руи шумораи аҳолии 9 млн. нафар - 1488240 (13,78 х 12 х 9000000 : 1000) тоннаро ташкил медиҳад, ин бе назардошти фонди тухмӣ, хуроки чорво ва талафи эҳтимолӣ. Чунин ҳолат аз руи дигар намудҳои маҳсулот низ ба назар мерасад.

Норасоии маводи озуқа дар миқёси ҷаҳон на бо сабаби норасоии майдони замин ё аҳолинокии зиёд, балки бинобар сабаби фаъолияти ғайрисамараноки соҳаи кишоварзӣ ба миён омадааст. Хуб, кишварҳои гурӯҳи якум, ки ба онҳо ҳамагӣ ¼ ҳиссаи замини кишоварзӣ ва ¼ ҳиссаи аҳолии Замин рост меояд, 60 %-и фонди озуқавории ҷаҳонро истеҳсол мекунанд. Кишварҳое, ки ба гурӯҳи сейюм дохиланду дорои миқдори зиёди заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои зиёдатии меҳнатанд, баръакс, ҳамагӣ 20%-и фонди озуқвории ҷаҳониро истеҳсол мекунанд.

Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон, баланд бардоштани самаранокии кишоварзӣ то сатҳи давлатҳои гурӯҳи якӯм имконият медиҳад, ки он миқдор маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол карда шавад, ки натанҳо 7,7 млрд. нафар аҳолии ҷаҳон, балки 25-30 млрд. нафар бо озуқа таъмин карда шавад.

Новобаста аз он, ки ҷамъияти имрузаро иқтисодчиён ва сотсиологҳо ҳамчун ҷамъияти баъдииндустриалӣ, ахборотӣ ва ғ.ҳ. муаррифӣ мекунанд, шарти муҳими мавҷудияти он то имрӯз таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа боқӣ мемонад. Дар навбати худ, ҳалли муваффақонаи масъалаи таъмини аҳолӣ бо озуқворӣ истеҳсолоти самараноки соҳаи кишоварзиро тақозо мекунад. Бинобар ҳамин, кишоварзӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳими хоҷагии халқ боқӣ монда, ба андозаи зиёд сатҳи иҷтимоию иқтисодии кишварро муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, истеҳсолоти кишоварзӣ вазифаи муҳими таъмини талаботҳои давлатро ба ашёи хоми кишоварзӣ ва маводи хурока иҷро мекунад. Айни замон моҳияти хеле муҳимро масъалаи истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти солим ва бехатар доро мебошад, ва он барои пешгирии касалиҳое, ки ҳангоми истеъмоли маҳсулоти пастсифат ба вуқӯъ меоянд зарур мебошад.

Қобили зикр аст, ки ҳамин нуқтаро ба назар гирифта, соли 2018 дар ҷумҳурӣ Агентии бехатарии озуқавории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки он барои назорати сифати маҳсулоти озуқвории воридшаванда роли ҳалкунанда хоҳад бозид.

Дар рафти ислоҳоти кишоварзӣ дар кишвар, ки Барномаи он барои солҳои 2012-2020 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, масъалаҳои ташаккули самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, ташкили шароитҳои хуби меҳнат ва истироҳати деҳотиён ҳалли худро хоҳанд ёфт.

Қайд намудан бамаврид аст, ки таи солҳои тулонӣ баланд шудани ҳаҷми воридот ба ҷумҳурӣ ба назар мерасид, агарчанде ки кишвари мо натанҳо имконияти аҳолиро бо маводи озуқа таъмин кардан, балки содирот кардани онро низ дошт. Тибқи меъёрҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ қабул шудаанд, барои таъмини бехатарии озуқавории давлат ҳиссаи маҳсулоти озуқавории воридотшаванда дар ҳаҷми умумии истеъмолот бояд аз 20% зиёд набошад. Дар Тоҷикистон ҳиссаи воридоти маҳсулоти озуқа аз нишондиҳандаи мазкур зиёд мебошад, ки ин имконияти аз даст додани бехатарии озуқавории кишварро нишон медиҳад. Бинобар ин вақте расидааст, ки дастуру супоришҳои роҳбари давлат бобати ба кишвари содироткунанда табдил додани ҷумҳурӣ дар мадди аввал қарор гирифта иҷрои он таъмин карда шавад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 26 декабри соли 2018 бобати ин масъала аз ҷумла омадааст: «…бояд аз ҳисоби самаранок истифода бурдани замин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, зиёд кардани масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда ва шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории меваю сабзавот оид ба беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати кишоварзӣ ва афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти он чораҳои қатъӣ ва фаврӣ андешида шаванд».

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018
2. Агентии ахборотии REGNUM, 3 апрели соли 2019
3. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 -Душанбе, 2012
4. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ.- №4-2018. Маҷмӯаи оморӣ- Душанбе, 2019
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон- Душанбе, 2018
6. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018- Душанбе, 2019
7. Тоҷикистон дар рақамҳо. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон- Душанбе, 2019



**АННОТАЦИЯ**

**РОЛЬ АГРОБИЗНЕСА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ**

В данной статье рассматриваются основные факторы, определяющие роль сельского хозяйства в обеспечении населения страны качественным продовольствием. Определение степени обеспечения продовольствием в различных странах. Обеспеченность основными продовольственными продуктами по отношению к рекомендуемым рациональным нормам. Факторы и резервы, влияющие на степени увеличения производства продовольственных товаров. Современное состояние отрасли сельского хозяйства и меры, предпринятые Правительством для обеспечения продовольственной независимости страны за последние годы.

**ANNOTATION**

**AGROBUSINESS ROLE IN PROVIDING FOOD SAFETY OF THE COUNTRY**

In this article the major factors defining an agriculture role in providing the population of the country with quality food are considered. Definition of extent of providing with food in various countries. Provision with the main food products in relation to the recommended rational norms. The factors and reserves influencing extents of increase in production of food products. The current state of agriculture and measures taken by the Government for ensuring food independence of the country in recent years.



***Key words:*** *quantity and quality of food, rational norms of consumption, the recommended norms of consumption, actual norms of consumption, lack of food, environmentally friendly products, import of food.*